**АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343.27 (575.3)
ТКБ: 67.99 (2)7 (2 Т)
О- 42

**ОДИНАЗОДА НОСИР САДИР**

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ГАРДИШИ МЕТАЛҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА САНГҲОИ ҚИМАТБАҲОИ ТАБИӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ – 2022**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

**Муқарризони расмӣ:** **Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд)

Ҳимояи диссертатсия «10» декабри соли 2022, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, ошёнаи 5, толори ҷаласаи диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ______ соли 2022 тавзеъ шудааст.

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, роҳи сохтмони иқтисодиёти бозоргонӣ ва инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, махсусан истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминиро пеша намуд. Бояд қайд намуд, ки асоси муносибатҳои бозоргониро истифодаи самараноки канданиҳои фоиданок ва сарватҳои зеризаминӣ дар бар мегирад»[1].

Бинобар ин, танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ», ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо) алоқаманд мебошанд, вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, ба мазмуни унсурҳои мафҳумҳои дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»[2] аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад.

Пас аз қабул шудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998), зиёда аз 24 сол сипарӣ гашта, дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Новобаста ба афзоиши бемайлони ҷинояткорӣ дар ин самт, баъзе паҳлуҳои мубрами қонунгузории ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода нашудааст ва меъёрҳои ҷудогонаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) аз лаҳзаи қабул шуданашон бо пуррагӣ татбиқ нагардидаанд, зеро дарки воқеии онҳо якранг нест.

Таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки сол то сол афзоиши ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар соли 2008 миқдори умумии ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда рӯ ба афзоиш ниҳода, суръати афзоиш дар муқоиса бо соли 2009 +125%-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда афзоиши шумораи ҷиноятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ 6,8 %-ро ташкил дода, шумораи кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ 9,5 % афзоиш

[1] Ниг.: Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2017. – Душанбе: «Шарқи Озод», 2017. – С. 9.

[2] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

ёфтааст. Дар солҳои 2010 – 2021 бошад, ин тамоюл идома меёбад. Тибқи маълумоти Сармаркази иттилоотию таҳлилии ВКД ҶТ бошад, дар давраи солҳои 2010 – 2021 дар миқёси ҷумҳурӣ 273 ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид (м. 284 КҶ ҶТ) аз ҷумла, солҳои 2010 – 9, 2011 – 9, с. 2012 – 11 (+22%); с. 2013 – 33 (+200%); с. 2014 – 20 (–39%); с. 2015 – 28 (+40 %); с. 2016 – 22 (–21 %); с. 2017 – 25 (+13 %); с. 2018 – 37 (+48%); с. 2019 – 28 (–24%); с. 2020 – 34 (+21%); с. 2021 – 17 (–50%) адад ба қайд гирифта шудааст[3].

Аз ҷумла, аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, новобаста ба проблемаҳои ҷойдошта мукаммал гардонида нашудаанд.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти хусусияти бланкетӣ доштани ҷиноятҳои зикркарда, омӯзиши ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муомилоти қонунӣ ва ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо манфиатпазир мебошад.

Зеро имрӯз номувофиқатии мазмун ва моҳияти бархе аз меъёрҳои қонунгузории вобаста ба пешгирии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки дар м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, сабаби пайдоиши мушкилоти муайян дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст.

Аз мадди назар дур мондани танзими ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷустуҷӯи геологии конҳои зеризаминӣ», ки бевосита ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо) алоқаманд мебошанд ва ихтилофоти назаррас вобаста ба аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар м.м. 284 – 285 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, аломатҳои объективии таркиби ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, ба тавсифи ин мафҳумҳо дар қонуни дар боло зикршуда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсуси соҳа мувофиқат намекунанд.

Мубрамии мавзуъ боз дар он ифода меёбад, ки зарар аз ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, нисбат ба дигар кирдорҳои ҷиноятӣ бештар буда, ба асосҳои иқтисодии давлат сахт таъсир мерасонад. Зеро маблағҳое, ки мутобиқи м. 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз хариду фурӯши сарватҳои Фонди давлатии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои

[3] Ниг.: СМИТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи ҷинояткорӣ дар солҳои 2008 – 2021.

қиматбаҳо ба даст меоянд, одатан барои пӯшонидани камомадҳои буҷети давлатӣ истифода карда мешаванд ва дар қисмати даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аммо имрӯз меъёрҳои дар КҶ ҶТ пешбинишуда, муносибатҳои иқтисодии ҷомеаро дар сатҳи зарурӣ ҳифз карда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, инчунин амалияи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ яке аз мақсадҳои асосии ҳукумату давлат ба шумор рафта, чунончӣ дар зербанди 12, б. 3 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028» омадааст[4].

Талаботи муҳимми амнияти иқтисодии Тоҷикистон ин нигоҳ доштани назорати давлатӣ аз болои захираҳои стратегӣ, нагузоштани содироти аз меъёр зиёди он, ки ба манфиатҳои дохилии мамлакат зарар мерасонад, ҳамчунин нигоҳ доштани муҳити ягонаи иқтисодӣ ва роҳандозӣ намудани муносибатҳои васеи иқтисодии минтақавии безарар ба шумор меравад[5].

Бинобар мураккабии қоидаҳои қонунгузорӣ ва аломатҳои бланкетӣ доштани таркиби м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ дар амалияи суди вобаста ба тафриқакунонии ҷиноятҳои мазкур мавқеи мушаххас мавҷуд нест.

Коркарди аломатҳои таркибии ҷиноятҳои мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти калони амалӣ доранд, чунки набудани аломатҳои мушаххаси илмӣ ба камбудиҳои ҷиддии қонунгузорӣ, ба ихтилофоту бесамарӣ дар мубориза ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ оварда мерасонад. Ин дар навбати худ, зарурати таҳқиқи мувофиқати мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ба дигар мафҳумҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷойдоштаро ба вуҷуд меорад.

Инчунин, таҳқиқоти назариявӣ вобаста ба муайян намудани шаклҳои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ барои ошкор сохтани дараҷаи хавфнокии он мусоидат намуда, онҳо на танҳо таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки ҳуқуқӣ-маъмуриро низ тақозо менамоянд.

---

[4] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.09.2021).

[5] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – С. 24.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Солҳои охир баъзе ҷанбаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар асарҳои олимони зиёди ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода[6], А.А. Аламшозода[7], Ҷ.М. Зоир[8], А.Қ. Назаров[9], Р.Ҳ. Раҳимзода[10], Ш.Н. Саидов[11], А.И. Сафарзода[12], Т.Ш. Шарипов[13] ва муҳаққиқони хориҷӣ А.Ф. Бантышев[14], Б.В. Волженкин[15], В.И. Гладких[16], А.Г. Иванов[17], И.Г. Иванов[18], В.В. Кулыгин[19], В.З.

---

[6] Ниг.: Азизов У.А. Развитие уголовного законодательства Республики Таджикистан (1961-2007): автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – 23 с.

[7] Ниг.: Аламшозода А.А. Муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури илмӣ-методӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 204 с.

[8] Ниг.: Маҷидзода Ҷ.З. Ҷиноятҳои муташаккил ва трансмиллӣ. – Душанбе: «Дақиқӣ», 2014. – 271 с.; Зоир Ҷ.М., Одиназода Н.С. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.М. Зоир, Н.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С 124–133.

[9] Ниг.: Назаров А.Қ. Мафҳум ва намудҳои ҷиноятҳо дар соҳаи манфиатҳои корхонаҳои тиҷоратӣ / А.Қ. Назаров // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати кормандону устодони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила», ва «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 560–562.

[10] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Отмывание денег и правовые аспекты борьбы с легализацией незаконных доходов: монография. – Душанбе, 1999. – 78 с.; Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 176 с.

[11] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[12] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ...д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[13] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Концептульные основы реформирования уголовного законодательства в сфере экономической деятельности / Т.Ш. Шарипов // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной 20-й годовщине дня национального единства и «Году молодёжи». – Душанбе, 2017. – С. 557–559.

[14] Ниг.: Бантышев А.Ф. Борьба органов внутренних дел с нарушениями правил о валютных операциях: учебное пособие. – Киев: НИиРИО КВШ МВД СССР, 1990. – 71 с.

[15] Ниг.: Волженкин Б.В. Экономические преступления: монография. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 1999. – 312 с.

[16] Ниг.: Гладких В.И. Уголовно-правовая квалификация незаконного оборота драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга (ст. 191 УК РФ) / В.И. Гладких // Вестник МГОУ. Серия: Юриспруденция. – 2015. – №3. – С. 112–119.

[17] Ниг.: Иванов А.Г. Законодательные противоречия как проблема квалификации незаконного оборота драгоценных металлов / А.Г. Иванов // Законодательство. – 2010. – №9. – С. 77–80.

[18] Ниг.: Иванов И.Г. Некоторые проблемы квалификации незаконного оборота природных драгоценных камней / И.Г. Иванов // Современное право. – 2010. – №1. – С. 86–92.

Салманов[20] ва дигарон дида баромада шудаанд, ки ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, махсусан таҳқиқи кирдорҳои ҷиноятии хусусияти иқтисодидошта бахшида шудаанд.

Бевосита ба таҳқиқи ҳуқуқи ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ олимони зерин рисолаҳои номзадии худро бахшидаанд: М.В. Архипова[21], А.Н. Иванова[22], А.Г. Иванов[23], А.Г. Королев[24]. С.Н. Мальтов[25], Р.О. Степанов[26].

Новобаста ба ин, имрӯзҳо, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба доираи масоили камтаҳқиқшуда марбут мебошанд. Дар даврони шуравӣ, масоили мубрамро вобаста ба «вайронкунии қоидаҳои амалиёти асъорӣ», «кирдорҳои ҷиноятии ба муқобили иқтисодиёти давлат равонакардашуда» дар доираи КҶ ҶШФСР ва КҶ ҶШС Тоҷикистон ҳамонвақта дар заминаи қаринаҳои тамоман дигарро (на дар доираи мазмуни м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ) дар бар доштанд.

Таҳаввулоте, ки дар тӯли зиёда аз ду даҳсола дар низоми давлатдории тоҷикон рух додааст, боиси ба вуҷуд омадани тағйироти назаррас дар арзёбии низоми муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва

---

[19] Ниг.: Иванов А.Г., Кулыгин В.В. Возможности уголовного законодательства и иных мер по декриминализации сферы оборота драгоценных металлов и камней / А.Г. Иванов, В.В. Кулыгин // Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического семинара (Хабаровск, 21 декабря 2011 г.) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 15–24.

[20] Ниг.: Салманов В.З. О мерах, принимаемых главным управлением МВД России по ДФО по декриминализации сферы оборота драгоценных металлов / В.З. Салманов // Декриминализация основных отраслей экономики Дальнего Востока: материалы научно-практического семинара (Хабаровск, 21 декабря 2011 г.) / Отв. ред.: Рябов В.Н.; Науч. ред.: Кулыгин В.В. – М.: РПА Минюста России, 2012. – С. 43–46.

[21] Ниг.: Архипова М.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика незаконного оборота драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ...канд. юрид. наук. – Иркутск, 2008. – 187 с.

[22] Ниг.: Иванова А.Н. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и камней: дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2000. – 183 с.

[23] Ниг.: Иванов А.Г. Преступления в сфере оборота драгоценных металлов и драгоценных камней: дис. … канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2010. – 215 с.

[24] Ниг.: Королев А.Г. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия незаконному обороту драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2004. – 147 с.

[25] Ниг.: Мальтов С.Н. Уголовная ответственность за нарушения законодательства о драгоценных металлах и драгоценных камнях: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2006. –163 с.

[26] Ниг.: Степанов Р.О. Уголовная ответственность за незаконный оборот драгоценных металлов и природных драгоценных камнях: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. –187 с.

ҳуқуқии ҷиноятии кишвар гардидааст. Аз ин лиҳоз, пешгирии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо барои олимони соҳа «масъалаҳои комилан нав»-ро ба миён мегузоранд. Дар Тоҷикистон омӯзиши мушкилоти ин намуди ҷиноятҳо ба тозагӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд. Ғайр аз корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин соҳа, шумораи назарнораси мақолаҳо вобаста ба масъалаи мазкур ба қалами А.А. Фаттоев тааллуқ дошта, асосан онҳо ба омӯзиши предмети ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бахшида шудаанд[27].

Масоили мубрами вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст ва ин таҳқиқот аввалин кори илмии хусусияти монографидошта маҳсуб меёбад, ки аҳаммиятнокии таҳқиқоти мазкурро собит месозад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои татбиқи он аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ» ва «Мукаммалгардонии асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур асосҳои омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ба танзим медарорад ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои фаъолияти ғайриқонунӣ дар ин соҳа, ошкор сохтани проблемаҳои қонунгузорӣ, инчунин маводи таҷриба ва амалияи татбиқи қонунҳо, ба роҳ мондани таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдори ҷиноятӣ мутобиқи м.м. 284

[27] Ниг.: Фаттоев А.А. Сфера оборота драгоценных металлов как объект оперативно-розыскной деятельности (по материалам Республики Таджикистан) / А.А. Фаттоев // Значение трудов профессора А.Г. Лекаря в становлении и развитии теории оперативно-розыскной деятельности: сборник научных статей / Отв. за вып.: Музеев А.И. – М.: Акад. управ. МВД России, 2010. – С. 154–158.

КҶ ҶТ ва таҳия кардани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ин самт маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамоянд:

– омузиши танзими илмӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид;

– таҳлили илмии гардиши муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

– таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субективии бастани аҳди ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ;

– таҳия ва масоили ҳалталаби илмӣ вобаста ба бандубасти таркиби ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ;

– коркарди тавсияву пешниҳодоти илман асоснок оид ба мукаммалсозии қонунгузорӣ ҶТ дар содир намудани ҷиноят дар соҳаи муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ.

**Объекти таҳқиқот**ро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи батанзимдарории ҳуқуқии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва амалияи истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар ҳолати татбиқи назариявӣ ва амалии қонунгузорӣ маҳсуб меёбад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**ро асосҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ИДМ мебошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим мекунанд; инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки «қоидаҳои муомилоти» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро муайян мекунанд; таҷрибаи татбиқи ҷавобгарӣ; ҳамчунин тамоюлҳои рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ин самтро ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои

қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи таърихи падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид дар қаламрави Тоҷикистони мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки дар рисолаи илмии мазкур бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид ва қонунгузории давлатҳои ИДМ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2010–2021 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, махсусан таҳқиқи кирдорҳои ҷиноятии хусусияти иқтисодӣ дошта мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба асарҳои олимони тоҷик У.А. Азиззода, В.А. Абдуҳамитов, Н.Б. Азимзода, А.А. Аламшозода, С.Э. Баҳриддинзода, Ҷ.М. Зоир, З.Х. Зокирзода, А.И. Сафарзода, К.Х. Солиев, Ш.Н. Саидов, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҷ.М. Раҳмонзода, Т.Ш. Шарипов ва олимони хориҷӣ М.В. Архипова, Б.В. Волженкин, В.И. Гладких, А.Г. Иванов, А.Н. Иванова, А.Г. Королев, Н.А. Лопашенко, С.Н. Мальтов, Р.О. Степанов, М.Е. Туранов ва дигарон такя намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз аз тарафи муҳаққиқон дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои баҳсталаб оид ба бандубасти ҷиноятҳо оиди муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ мавриди омӯзиши комплексӣ қарор дода нашудаанд, ки ҳамаи ин ҳолатҳо, дар маҷмуъ, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот дарак медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисоларо ин таҳқиқи маҷмуи усулҳои илмӣ, ки мавқеи марказиро дар байни онҳо усули диалектикии маърифати илмӣ ишғол мекунад, ташкил намудаанд. Махсусан усули таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил дода, барои ҳалли вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз маҷмуи усулҳои хосси илмӣ ба мисли ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, мусоҳиба, раванди омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ оид

ба мавзуи таҳқиқшаванда, гирифтан ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ барои муайян намудани проблемаҳои қонунгузорӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он мусоидат намудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳияи рисола бо мақсади дуруст муайян кардани таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид диққати асосиро ба таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва маълумотҳои омории расмӣ равона намудааст. Инчунин, 120 парвандаи ҷиноятии марбут ба бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, таҳлили амиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии масоили пайгиришаванда гузаронида шуда, дар асоси он оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои илман асоснок пешниҳод карда шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот,** пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажӯҳиши хусусияти монографӣ дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавии манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбиникардаи м. 284 КҶ ҶТ, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ пешбинӣ менамояд. Навгонии илмии корро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар партави дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии ҶТ ва давлатҳои ИДМ ба амал омадаанд. Дар сатҳи рисолаи номзадӣ ҳаллу фасл намудани мушкилиҳои зиёде, ки ҳатто дар ФР мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, дар бар мегирад. Дар муносибат бо илми Тоҷикистон бошад, таҳқиқоти мазкур аввалин рисола дар ҶТ мебошад.

Дар ҶТ ин мушкилот ба таври амиқ баррасӣ карда нашуда, он дар сатҳи нашр ва таҳлили мухтасар дар китобҳои дарсӣ ва шарҳу тафсирҳо ба КҶ ҶТ оварда шудааст. Мутаносибан бо ин, дар кори таҳқиқотии мазкур бори аввал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо қонунгузории дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ бо назардошти тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, гузаронида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар натиҷаҳои пешниҳодот ва тавсияҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, зоҳир мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки нуктаҳои зерини илмӣ ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:**

1. Хулоса дар бораи хусусиятҳои тарафи объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ:

а) бо мақсади рафъи зиддиятҳои байни қонуни ҷиноятӣ (м. 284 КҶ ҶТ) ва қонунгузории махсус дар баробари муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҳамчун кирдорҳои ҷиноятие, ки тарафи объективии ин таркиби ҷиноятро тавсиф мекунанд, бояд амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба омӯзиши геологӣ ва таҳқиқу ҷустуҷӯи конҳои ин сарватҳо, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо низ эътироф карда шаванд. Ин фаъолият бояд дар мавридҳои вайрон кардани на танҳо қонунҳо, балки ҳангоми вайрон кардани талаботи зерқонунӣ низ ғайриқонунӣ дониста шаванд;

б) ҷинояти мавриди назар аз ҷиҳати тарафи субъективӣ бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита содир карда мешавад. Яъне, гунаҳкор хусусияти барои ҷамъият хавфнок будани бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ё марворидро дарк намуда, содир кардани чунин кирдорро мехоҳад. Ба андешаи мо, гунаҳкор бояд ҳатман ғайриқонунӣ будани кирдори худро дарк намояд, ки набудани он маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро дорад.

2. Мафҳумҳо ва категорияҳои асосие, ки объект ва предмети ҷиноятро дар м. 284 КҶ ҶТ тавсиф медиҳанд:

а) бо мақсади бартараф намудани номувофиқатиҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳангоми муомилот бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, пешниҳод карда мешавад, ки муносибатҳои соҳаи омӯзиш ва таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, низ дар доираи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ворид карда шаванд;

б) предмети ҷиноят мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ эътироф карда шудаанд: 1) Металҳои қиматбаҳо – тилло, нуқра, платина ва металҳои гурӯҳи платина (палладий, иридий, родий, рутений ва осмий), ки метавонанд дар ҳар шаклу ҳолат, аз ҷумла шакли худруӣ, холис ва тоза кардашуда ва ҳамчунин дар шакли ашёи хом, хӯла, нимтайёр, маҳсулоти саноатӣ, пайвасти химиявӣ, маснуоти заргарӣ, маснуоти дигар, танга, шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот бошад; 2) Сангҳои қиматбаҳои табиӣ – алмос, зумуррад, ёқут, сапфир,

лаъли асил ва александрити табиӣ, ҳамчунин гавҳари табиии хом ва суфта.

Истиснои предмети ҷиноят инҳоянд:

1) сангҳои қиматбаҳо, ки барои заргарӣ корношояманд;

2) сангҳои қиматбаҳои сертификатсияшуда;

3) ганҷҳои синтетикӣ ва сунъӣ;

4) маснуоти заргарӣ;

5) маснуоти маишӣ;

6) маснуоти партов ва ашёи рӯзгор.

**II. Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:**

3. Дар доираи қонунгузории амалкунанда мавҷуд набудани меъёри муайянкунандаи андозаи зарар дар шакли нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста ба фарқгузории кирдори маъмурӣ аз кирдори ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки агар андозаи зарар аз ҷинояти дар боло зикршуда то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил кунад, ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шавад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки аломатҳои таркиби ин ҷиноят аниқ муайян карда шуда, катигорияҳои ин ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои ба онҳо алоқаманд буда ҷудо карда шавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ на фақат барои таркиби ин ҷиноят, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми дорои металҳои қиматбаҳо муқаррар карда шавад.

**III. Пешниҳодҳое, ки ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидаанд:**

6. Вобаста ба ворид намудани тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, пешниҳод карда мешавад, ки м. 285 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад, ки ин сар карда аз фаъолиятҳои вобаста ба таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё саркашӣ кардан аз супоридан ё ба давлат фурӯхтани ин сарватҳо то иҷрои ҳама гуна шаклҳои гуногуни гузариши ҳуқуқи амвол ба ин объектҳо ҳамчун як ҷараёни ягонае, ки дар доираи як низоми (маҷмуи) муносибатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии ягона ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад.

7. Вобаста ба мукаммал сохтани предмети ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, чунин нуктаҳои илмӣ манфиатпазиранд:

а) Дар ном ва диспозитсияи моддаи 284 КҶ ҶТ «марворид» ба ҳайси предмети ҷиноят зикр ёфтааст, аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» дар доираи

мафҳуми «металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «марворид» инъикос нашудааст. Ҳамчунин, дар канданиҳои фоиданоки ҶТ марворид вуҷуд надорад. Аз ин рӯ таклиф карда мешавад, ки калимаи «марворид» аз ном ва диспозитсия м. 284 КҶ ҶТ бардошта шавад.

8. Ҳаракатҳое, ки тарафи объективии м.м. 284 ва 285 КҶ ҶТ-ро ташкил мекунанд, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ якхела фаҳмида намешаванд. Аммо аз рӯйи моҳият ва мазмуни ин ҷиноятҳо ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо алоқаманд мебошанд. Ҷиҳати дуруст фаҳмидани ин масъала ва риояи принсипи қонуният чунин таклиф карда мешавад:

а). бо ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, м. 285 аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

б). номи м. 284 КҶ ҶТ бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид мебошад. Бинобар ин, номи м. 284 КҶ ҶТ ба «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» иваз карда шавад.

9. Дар б. «а» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ таклиф карда мешавад, ки калимаи «такроран», ба калимаи «якчандкарата» иваз карда шавад.

10. Бо мақсади ҳар чи пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар мебуд, агар ба санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ омадааст мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда» (б. 26)-ро тақозо менамояд.

11. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои вазнинкунанда дохил карда шаванд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он, бештар буда, ҳамчун ҳолати

вазнинкунанда ҷудо намудани онҳо ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, таҳлил ва омӯзиши ин ҷиноят пешниҳод менамоем, ки ном ва диспозитсияи м. 284 ҚҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

**Моддаи 284. Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ**

1) Додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо вайрон кардани қоидаҳои ҳатман ба давлат фурӯхтан ё супоридан, таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард ва истифодаи онҳо бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан, кашондан ё ба соҳибияти каси дигар додани ин сарватҳо дар ҳар намуди ҳолат, бо истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар

а) якчандкарата;

б) ба микдори калон;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор, агар

а) ба микдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз вазифаи хизматӣ содир шуда бошад,

– бо … ҷазо дода мешавад».

**Эзоҳ:**

1. Зери мафҳуми «сарватҳо» дар диспозитсияи моддаи мазкур – ин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фаҳмида мешавад.

2. Зери мафҳуми «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо» дар диспозитсия моддаи мазкур – шахсоне, ки барои вайронкардани тартиботи муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо айбдоранд ва маблағе, ки аз муомилоти ғайриқонуни ба даст оварда мешавад, тибқи қонунгузории ҶТ ба қисми даромади буҷети давлат ворид карда мешавад.

Инчунин, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки ба нобудшавии металҳои

қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо оварда расонидаанд, фаҳмида мешавад.

3. Зери мафҳуми «ба миқдори махсусан калон» кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҳамон вақт ба миқдори махсусан калон содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ қарор гирифтаанд, аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии назариявӣ, инчунин пешниҳоду тавсияҳои амалии он метавонанд, ҳам дар раванди таълим, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фанҳои ба он марбут, аз ҷумла, дар омода кардани адабиёти дахлдори таълимӣ оид ба ин фанҳо ва ҳам дар фаъолияти амалии мақомоте, ки ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд, истифода бурда шаванд. Пешниҳодҳои дар кори мазкур омодагардида метавонанд бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар дигар соҳаҳо, ки муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим мекунанд, истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар муомилоти ғайриқонунӣ металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо инъикос менамоянд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднокaнд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии фикру ақидаҳо, тавсияҳо дар қонунгузорӣ, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, онҳо дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссерататсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима шуда, дар Шӯрои олимони Академия аз ташхиси муқаддамотӣ гузашта, барои ҳимоя пешниҳод шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалӣ: – «Совершенствование методики преподавания уголовно–правовых дисциплин в условиях реформирования образовательной системы и отраслевого законодательства» дар мавзуи «Ответственность за незаконный оборот драгоценых металлов и каменей по уголовному законодательству Таджикистана и России» (Филиали Москвагии Донишгоҳи ВКД Россия ба номи В.Я. Кикотя; ш. Москва, 22 мая 2015 г.);

– Конференсияи илмӣ-амалӣ: – «Пути повышения уровня правосознания и правовой грамотности в современном гражданском обществе» дар мавзуи «Тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Казань, 25.08. 2022 с.).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққкунӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар давраи муосири инкишофи низоми давлатӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (ш. Душанбе, 29–уми апрели соли 2016);

– «Форуми IV миллӣ оид ба волоияти қонун» дар мавзуи «Асосҳои мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маталҳои

қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (ш. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2018);

– «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо» дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши маталҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Душанбе, 1-уми майи соли 2019).

– «Рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии гардиши металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ» (ш. Душанбе, 16-уми феврали соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби унвонҷӯ 1 дастурамали таълимӣ ва 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 2 боб ва 6 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 191 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмии таҳқиқот, робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқатии диссертатсия ба ихтисос, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шуда, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Муқаррароти умумӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва танзими ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ»** аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал – **«Танзими ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масоили мубрамро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии танзими муомилоти ғайриқонунии ин сарватҳои дар боло зикршуда баррасӣ гардидаанд.

Моддаҳои 284-285 КҶ ҶТ хусусияти бланкетӣ дошта, барои шарҳи мафҳумҳо ва хусусиятҳои аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳои истинод ба дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ зарур аст. Дар доираи моддаҳои баррасишаванда шарҳи истилоҳот ва аломатҳои ҷиноятҳои хусусияти бланкетидошта ғайриимкон аст зеро ҳаҷми он бисёр калон ва бе ҳадду ҳудуд мегардад. Ғайр аз ин аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо, ки бо пуррагӣ бо воситаи ошкор сохтани мамнуоти дар қонунгузории самти пешбинишуда муайян гардидаанд, боиси дубора такрор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Пеш аз ҳама, яке аз чораҳои манфиатпазир вобаста ба пешгирии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ татбиқи меъёрҳои дар КҶ ҶТ, хусусан моддаи 284 КҶ ҶТ – «Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид». Олимони соҳа бо пайдарҳамии мантиқӣ сабабҳои номувофиқатии зарурати иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро мавриди омӯзиш қарор дода, таъиноти ҷамъиятии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мушкилоти вобаста ба иҷрои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломатҳои диспозитивии меъёрҳо, ки хусусияти бланкетӣ доранд кушода истода, хулоса мебароранд, ки «ягона асоси ҷиноят ҳисобидани (манъкунии) кирдорҳо мавҷудияти хавфи калони ҷамъиятии онҳо мебошад. Аммо вуҷуд надоштани чунин хатар боиси ҷиноят эътироф накардани кирдорҳо мегардад.

Сабаби бисёри мушкилоти ҷойдошта, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегарданд, номувофиқатӣ, дуршавӣ ва холигии танзимоти қонунгузорӣ вобаста ба муҳофизати ҳуқуқии муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла, сохтани критерияҳои (талаботи) муайян вобаста ба зарурати иҷтимоии ҷиноят ҳисобидан (криминализатсия) ва ҷиноят наҳисобидани (декриминализатсия) баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳо яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад».

Нуқтаи назари мазкурро ҷонибдорӣ карда, зикр кардан лозим аст, ки дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар баробари дигар мақсадҳои татбиққунии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноятҳо ва ислоҳи маҳкумкумшудагон, ҳамчун ҳадаф муқаррар шудани «барқарор намудани адолати иҷтимоӣ» комилан дуруст ва одилона мебошад.

Мо бо муаллифи яке аз асарҳое, ки ба масоили зарурати иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст – П.С. Таболкин. Ӯ қайд мекунад, ки «дар асл, аҳамияти мушкилоти зарурати иҷтимоӣ, яъне таъиноти иҷтимоӣ ба чунин омилҳо такя мекунад, ки зарурати вуҷуд доштани стандартҳои соҳаҳои қонуни

ҷиноятиро ба вуҷуд меорад»[28] ва бешубҳа, бояд ҳамчун моҳияти манъкунии ҳуқуқии ҷиноятиро тавсиф кунанд.

Сипас, маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муомилоти қонунии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20-уми июли соли 1994 с., таҳти №983[29], Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001 с., таҳти №21[30], Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 19-уми майи соли 2009 с., таҳти №10[31], Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти нархгузорӣ» аз 28-уми июли соли 2006 с., таҳти №196[32] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтӣ ва дохилиидоравӣ бо пайдарҳамии мантиқӣ мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор дода шудаанд. Таҳлили муқоисавии мазмуну моҳияти истилоҳоти ҳуқуқии дар доираи қонунгузории мазкур мустақаргардида собит менамоянд, ки онҳо дар ҳама маврид якранг ва дуруст истифода нагардиданд, аз ин лиҳоз боиси ихтилофот ва гуногунфаҳмӣ дар сатҳи қонугузорӣ шудаанд.

Зиёда аз ин, чунин номутобиқатии қонунгузорӣ дар самти муомилоти қонунии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи қонунҳои дар боло зикргардида, боиси мушкилот дар фаҳмиши дурусти диспозитсияҳои моддаҳои 284 ва 285 КҶ ҶТ, ки хусусияти бланкетӣ (ҳаволакунанда) доранд, гардидаанд, зеро дар диспозитсияи ин моддаҳо аломатҳои таркиби ин ҷиноятҳо бо пуррагӣ ҷойгузин нестанд ва истинод ба дигар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтиро тақозо менамоянд. Бандубасти дурусти чунин ҷиноятҳо аз мукаммалии қонунгузории соҳавӣ вобаста буда, барои дарк кардани амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба «Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид» (м. 284 КҶ ҶТ) ва «Вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо» (м. 284 КҶ ҶТ) назар андӯхтан ба мафҳуми «сангҳои қиматбаҳо», «металҳои қиматбаҳо»,

---

[28] Ниг.: Тоболкин П.С. Социальная обусловленность уголовно-правовых норм. - Свердловск, 1983.

[29] Ниг.: Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №15-16. – М. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №22. – М. 259; – 2008. – №1. – қ. 2. – М. 16. – №12. – қ. 2. – М. 1005; – 2010. – №12. – қ. 1. – М. 822; ҚҶТ аз 28.12.13. таҳти №1048.

[30] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М. 194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

[31] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №5. – М. 331; – 2010. – №7. – М. 555; – 2011. – №12. – М. 846; – 2013. – №11. – М. 786; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014, таҳти №1154.

[32] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2006. – №7. – М. 344; – 2008. – №10. – М. 809.

«қоидаҳои ба давлат супоридан», «талабот вобаста ба бастани аҳд», тартиби «ҷустуҷӯ», «коркард», «истихроҷ», «нигоҳдорӣ», «интиқол», «фурӯш» ва дигар истилоҳоти ҳуқуқӣ, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтӣ ва дохили идоравӣ вобаста ба муомилоти металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ҷойгузин мебошанд, талаботи ҳатмӣ мебошад.

Мафҳуми доктриналии «сарватҳо» фарогири натанҳо маҷмуи ҷинсӣ, балки маҷмуи намудии онҳо (ҳам металҳои қиматбаҳо ва ҳам сангҳои қиматбаҳои табиӣ) дар якҷоягӣ ва ё дар алоҳидагӣ мебошад; «металҳои қиматбаҳо» арзишҳое мебошанд, ки ба гуруҳи «моддаҳои металии асил» дохил шуда, «арзиши баланди бозорӣ доранд». Дар муносибат бо мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бошад, мақомоти қонунгузор таърифи онҳоро бо усули тартиб додани рӯйхати мукаммали намудҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ татбиқ кардааст ва илова бар ин ҳолатҳои алоҳидаи мавҷудияти онҳоро ишора намудааст; Бинобар сабаби ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи моддаи 284 КҶ ҶТ, моддаи 285 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

Зербоби дуввум **«Хавфи ҷамъиятии бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид: тавсифи миқдорӣ ва сифатии он»** хавфнокиии ҷамъиятии ҷинояти дар м. 284 КҶ ҶТ муқараргардида таҳлил мегардад.

Хавфнокии ҷамъиятии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда ба предмети хоси ин ҷиноятҳо вобаста аст. Предмети ин ҷиноятҳо сангҳои қиматбаҳо ва металҳои қиматбаҳо ашёи беназири табиӣ ва арзиши баланддошта мебошанд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12 май соли 2001, таҳти №21 онҳо бо мафҳуми «сарват»[33] муайян карда шудаанд. Таҳлили ин санади ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки аҳамияти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибати баррасишаванда барои давлат муайян карда шавад. Ҳамин тавр, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо «як ҷузъи захираҳои тиллову асъори ҶТ-ро ташкил медиҳанд», ки «барои таъмини эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар эҳтиёҷоти ҶТ таъин гардидааст» (м. 7 ), «барои амалӣ сохтани

[33] Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» аз 12-уми майи соли 2001, таҳти №21 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №4. – М.194; – 2006. – №4. – М. 199; – 2007. – №7. – М. 673; – 2008. – №12. – қ. 2. – М. 999; – 2009. – №9-10. – М. 545; – 2011. – №6. – М. 454; – 2013. – №12. – М. 893; – 2014. – №11. – М. 665.

сиёсати молиявии давлат ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти фаврии ҶТ дар ҳолатҳои фавқулодда таъин гардидааст» (м. 9) ва ғайра.

Хавфи ҷамъиятии ин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки он низоми назорати қатъии давлат аз болои муомилот бо сарватҳои асъориро заиф мегардонд. Бастани аҳди ғайриқонунии бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид назоратро барои риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва разведкаи конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол ва муомилоти онҳо заиф мекунад. Имруз назорат дар ин самт заифтар гардидааст. Дар баробари ин, назорати нокифоя дар ин самт боиси содир шудани ҷинояти м. 284 КҶ ҶТ мегардад.

Хавфи ҷамъиятии ҷинояти баррасишванда дар он зоҳир мегардад, ки он дар алоқаманди бо дигар ҷиноятҳо аз ҷумла ҷиноятҳои хавфноктар ба монанди қочоқ, дуздӣ, ришвахорӣ, саркаши аз андоз содир мегардад. Дар баробари ин нишон надодани хусусият ва намуди ин қоидаҳо дар навбати худ боиси криминализатсияи аз ҳад зиёд мегардад. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки қонунгузор ҳадди ақалл дар шакли умумӣ бояд мушахас кунад, ки бар хилофи кадом қоидаҳо содир намудани чунин аҳдҳо ҷиноят мебошанд.

Қонунгузор барои ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои баррасишаванда дар КҶ ҶТ бешубҳа тамоми омилҳои хавнокии ҷамъиятии зарурӣ ва кофии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва криминологиро барои асосноккунии меъёри қонуни ҷиноятии зикршударо ба инобат гирифтааст. Аммо тавре таҳлил нишон медиҳад меъёри мазкур ба такмили минбаъда ниёз дорад.

Бояд қайд намуд, ки металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки дар бозори асъор қарор доранд, ба вазъи низоми молиявии кишвар таъсири назаррас расонида, барои устувории қурби воҳидҳои пулӣ пур кардани фондҳои тиллою асъори он зарур буда, дар тараққиёти илму техника аҳамияти калон доранд. Бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид ва вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо хавфи баланди ҷамъияти дошта он дар расонидани зарар: ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки гардиши қонунии метали қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро таъмин менамояд; ба ташкил намудани захираи давлатии тиллоии кишвар ва таъмини кори дурусти низоми назорати давлатӣ ба сифати сарватҳо, баҳисобгирӣ ва истифодаи самараноки онҳо ифода меёбад.

Зербоби сеюми боби аввал **«Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»** ном дошта, дар он муқаррароти асосии Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Кодекси ҷиноятии модели давлатҳои аъзои ИДМ, ки чаҳорчӯбаи умумии таъсири ҳуқуқӣ ба зуҳуроти муосири муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро равшан месозанд, мавриди таҳлили комплексӣ қарор дода мешаванд.

Тавре таҳлил нишон дод, новобаста аз мубрам будан, танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон, Гурҷистон, Украина ва Молдова пешбинӣ нагардидааст. Ҳамзамон ҷавобгари ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё барои вайрон кардани қоидаҳои супоридани ин сарватҳо дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус (м. 223 КҶ ҶБ), Федератсияи Россия (м.м. 191, 192 КҶ ФР), КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон (295-1), КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон (м.м. 236, 237 КҶ ҶҚ), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (м. 185 КҶ ҶӮ) Ҷумҳурии Туркманистон (м. 255 КҶ ҶТ) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м. 284, 285 КҶ ҶТ) пешбинӣ гардидаанд. Фаъолиятҳои ғайриқонуние, ки предметашон металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошанд, дар Кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои Россия, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон моддаҳои дахлдор мавҷуд мебошанд, ки онҳо бо мавҷудияти як қатор фарқиятҳо, асосан дар ҷузъиёт, сохтори таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ ба моддаҳои 284 – 285 КҶ ҶТ хеле шабеҳат доранд.

Муаллиф инчунин мазмуни кодекси намунавии ИДМ оид ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро омӯхтааст.Ҳамзамон солҳои охир бештари кишварҳои аъзои ИДМ, ба меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо пешбинӣ менамоянд, тағйиротҳои назаррас ворид намудаанд, ки аз меъёри дахлдори Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ (м.276) ба куллӣ тафовут доранд.

Кодекси Ҷиноятии модели барои давлатҳои узви ИДМ соли 1996 дар боло қайдгардида дар моддаи 276 КҶ ба сифати аломати ҳатмӣ, мавҷудияти аломатҳои тарафҳои объективии таркиби муайяншуда ва содир кардани кирдори мазкур дар микдори назаррасро пешбинӣ мекунад, аммо ҳангоми сохтани моддаи 284 КҶ

ҶТ ин ҷиҳат ба инобат гирифта нашудааст, аммо дар айни замон ҳангоми таҳияи моддаи 285 КҶ ҶТ ба кор гирифта шудааст, дар он муқаррар карда шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар сурати содир шудани ҷинояти мазкур ба миқдори калон имконпазир аст.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки дар моддаи 284 КҶ ҶТ бояд аломатҳои таркиби ҷиноят вобаста ба муомилот дар соҳаи тадқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои марбут ба металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо ҷойгузин бошанд, зеро айни замон онҳо аз мадди назари қонунгузор дур мондаанд. Инчунин, бо назардошти чунин мавқеъгирӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 284 КҶ ҶТ бояд чунин номгузорӣ карда шавад: «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳои табиӣ».

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва бандубасти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввали боби дуюм **«Аломатҳои объективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид»** ном дошта, дар он назари олимони варзидаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба «объекти ҷиноят», «аломатҳои тарафи объективии ҷиноят», «предмети ҷиноят» мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлили объекти ҷиноят мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ имкон дод, ки объекти умумӣ, намудӣ, хелӣ ва бевосита, муайян карда шавад. Таваҷҷӯҳи бештар дар масъалаҳои баррасишаванда муайян намудани объекти бевоситаи металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидҳо мебошад, ки ҳам барои бандубасти кирдори ҷиноятӣ ва ҳам барои ҷудокунии таркибҳои ҳамҳудуд ба ҷуз аҳамияти назариявӣ, аҳамияти бузурги амалӣ дорад. Ғайр аз ин, таърифи объекти бевосита барои дақиқтар ифода кардани моҳияти таркибҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифта ва муайян намудани ҳудуди муносибатҳои иҷтимоии ҳифзшаванда кӯмак мекунад.

Ҳамчун объекти бевосита муаллиф муносибатҳои ҷамъиятиеро эътироф мекунад, ки онҳо дар доираи қоидаҳои муқаррар намудаи қонунгузории амалкунанда вобаста ба тартиби додугирифт бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, нигоҳ доштан, интиқол додан ва ё кашондани онҳо дар ҳар намуду ҳолат, ба танзим дароварда шудаанд.

Дар асоси омӯзиши муфассали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт муаллиф ба хулоса меояд, ки дар байни ҳаҷми муносибатҳое, ки

предмети онҳо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошанд ва ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии онҳо тафовути равшан вуҷуд дорад. Аз маҷмуи ягонаи ин муносибатҳо, ки тибқи қонунгузории амалкунанда танзим мешавад, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва иктишофи конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо дур мондааст.

Предмети ин ҷиноят мутобиқи моддаи 284 КҶ ҶТ инҳоянд:

1) Металҳои қиматбаҳо – тилло, нуқра, платина ва металҳои гурӯҳи платина (палладий, иридий, родий, рутений ва осмий), ки метавонанд дар ҳар шаклу ҳолат, аз ҷумла дар шакли худрӯй, ҳамчунин дар шакли ашьёи хом, хӯла, нимтаёр, маҳсулоти саноатӣ, пайвастӣ химиявӣ, маснуоти заргарӣ, маснуоти дигар, танга, шикастапора ва партовҳои истеҳсолоту истеъмолот бошад.

2) Сангҳои қиматбаҳо – алмос, зумуррад, ёқут, сапфир, лаъли асил ва александрити табиӣ, ҳамчунин гавҳари табии хом ва суфта. Сангҳои нимқиматбаҳо, ки бо хулосаи экспертизаи иёргири ба сангҳои қиматбаҳо баробар карда шудаанд, ба ҳайси предмети ҷиноят баромад карда метавонанд.

Дар чунин ҳолатҳо металҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун предмети ҷинояти баррасишаванда эътироф намешавад: сангҳои қиматбаҳо, ки барои истеҳсоли маснуоти заргарӣ номувофиқанд; сангҳои қиматбаҳои буридашудаи сертификатсия шуда; ганҷҳои синтетикӣ ва сунъӣ; заргарӣ; маҳсулоти рӯзгор; маснуоти ороиши ва маишӣ.

Тарафи объективии моддаи 284 КҶ ҶТ-ро мавриди баррасӣ қарор дода, дарҷ карда мешавад, ки амалҳои алтернативии зерин онро ташкил медиҳанд:

1. Доду гирифт вобаста ба металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворидҳо бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррар намудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ;

2. Нигоҳдрии ғайриқонунии ин сарватҳо;

3. Интиқоли ё кашонидани ғайриқонунии ин сарватҳо;

Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ кирдорҳоро номбар карда истода, мазмуни онҳоро кушодана намедиҳад. Дар заминаи ин барои омӯзиши пурраи нишонаҳои тарафи объективии таркиби кирдорҳои ҷиноятӣ, муаллиф ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки ба шарҳи илмии ҳам мафҳуми «доду гирифт» ва ҳам мафҳумҳои дигари дар боло зикршуда бояд таваҷҷуҳ карда шавад. Аз ҷумла, дар таҳқиқот хусусиятҳои фарққунандаи мафҳумҳои «муомилот» ва «гардиш» хеле

моҳирона нишон дода шудаанд, ки барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

Аз ҷумла, муаллиф дар асоси афкори назариявӣ, ихтилофоти қонунгузорӣ ба хулоса меояд, ки мавҷуд набудани муҳофизати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба як қисми ин раванд дар моддаи 284 КҶ ҶТ ва вайрон намудани қисми дигари ин раванд дар моддаи 285 КҶ ҶТ бояд бо қатъгардидани эътибори моддаи 285 КҶ ҶТ бартараф карда шаванд, зеро таҳрири пешниҳод намудаи муаллиф дар таҳрири нави моддаи 284 КҶ ҶТ доираи «ҳифзи ҳуқуқии» онро бо пуррагӣ фаро мегирад.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Аломатҳои субъективии гардиши ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва марворид**» номгузорӣ гардида, қайд карда мешавад, ки муомилот вобаста ба металҳои қиматбаҳо ва (ё) сангҳои қиматбаҳо, бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррар намудаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ҳангоми аз ҷониби айбдоршаванда тамоми кирдорҳои зарурӣ, ки таркиби муомилоти муайянеро ташкил диҳанд, ба анҷом расонида шуда бошанд, бояд кирдори анҷомдода шуда ҳисобида шавад. Ҳамин гуна нуқтаи назар дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятӣ низ инъикос ёфтааст.

Муомилоти байни субъектҳо, ки аз тарафи санадҳои меъёрӣ муайян шудаанд, низ бояд ҳамчун кирдорҳои бар хилофи талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ карда шуда, баррасӣ карда мешавад, агар кирдорҳои анҷомдодаи онҳо аз доираи кирдорҳои иҷозат дода шуда баромада бошанд. Ҳудуди ҳуқуқҳо барои субъектҳои мухталифи муомилот гуногун мебошанд, ки аз як тараф аз хусусиятҳои фаъолияти онҳо ва аз тарафи дигар, аз предмети муомилот, ки ба яке аз категорияҳои металҳои қиматбаҳо мансубанд, вобастагӣ доранд.

Содир намудани муомилот вобаста ба истихроҷ ва коркарди минералҳо ва ашёи хоми дуюми дорои тилло ва нуқра хусусиятҳои худро доранд. Масалан, мутобиқи тартиби амалиёт бо ашёи хоми минералии дорои металҳои қиматбаҳо то холискорӣ, ки аз 3 августи соли 2007, таҳти №415, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст, ашёи хоми минералӣ мутобиқи шартномаҳои қаблӣ оид ба таҳвили металҳои холискори шуда аз уҳдадорӣ озод буда, метавонанд аз ҷониби субъектҳои истихроҷ ва шахсони ҳуқуқии истеҳсолкунандаи онҳо, аз ҷумла тавассути биржаҳо ё дигар бозорҳои ба он баробар арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ фурӯхта шаванд ва ё дар шакли гарав ё дигар «уҳдадориҳои молиявӣ» истифода бурда шаванд.

Дар таҳрири м. 284 КҶ ҶТ айни замон амалкунандаи нишонаҳои тарафи субъективӣ, аз ҷумла, ангеза ва мақсадро ҳамчун нишонаҳои ҳатмӣ дар таркиби зикршуда пешбинӣ намекунад, бинобар ин, онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Дар муносибат бо синну соли субъекти кирдори ҷиноятии баррасишаванда бояд қайд намуд, ки мувофиқи м. 23 КҶ ҶТ синну сол, ки «пас аз расидан ба он» имкон дорад ҷинояткор мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ «ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, дар он ҳолат аст, ки шахс синнаш ба 16 расида бошад».

Масъалаи дигаре, ки ба хусусиятҳои хосси таркиби кирдори ҷиноятии мавриди таҳқиқи мо марбут аст, ин аст, ки дар баробари шахсоне, ки дорои «нишонаҳои субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ мебошанд, инчунин шахсоне содир карда метавонанд, ки ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам «ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне, шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо доранд. Содир намудани ҷинояти мавриди назар аз ҷониби ин тоифаи шахсон нисбат ба содир намудани он аз тарафи шахсони оддӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ хеле хавфноктар мебошад.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид тибқи қонунгузории ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқ кардани он аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ»,** масоили мубрам вобаста ба бандубаст кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва фарқ кардани он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор дар бар дорад.

Муаллиф ба мушкилоти мавҷуда вобаста ба бандубаст кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва фарқ кардани он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд менамояд, ки қонунгузории ҶТ, Кодекси ҷиноятӣ, ки ба танзими муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ нигаронида шудааст, мавҷудияти пеш аз ҳама, «шумораи зиёди қайду шартҳо ва ихтилофу камбудии истилоҳоте, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ истифода шудаанд, вуҷуд надоштани заминаи мукаммали меъёрию ҳуқуқиро, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ба он такя намуда, ин

сарватҳоро аз суиқасдҳои хусусияти ҷинояти дошта ҳимоят кунад, ҳангоми зарурати дақиқан муайян кардани предмети кирдори ҷиноятӣ, душворӣ, зиддият эҷод мекунад.

Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки бинобар мавҷуд набудани талабот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба марбут донистани сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба предмети муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои сабти ин сарватҳо ва шаҳодатнома (сертификат), новобаста аз суфта будан ё набудани онҳо чунин мушкилот пайдо шудаанд. Баназар чунин менамояд, ки ин мавқеи мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ба таври кофӣ дақиқ ва муваффақ нест, зеро он ба «либерализатсияи (озодии) бозори сангҳои қиматбаҳои табиӣ нигаронида шудааст, ки метавонад боиси заиф шудани назорати давлатӣ бар муомилоти ин сарватҳо оварда расонад. Чунин бенизомии ҳуқуқӣ кори мақомоти ҳифзи ҳуқукро дар ошкор кардани кирдорҳои ҷиноятии иқтисодӣ мушкилтар мекунад.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии дар боло зикршуда ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ, махсусан ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ», бояд тағйироте ворид карда шаванд, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро ба тасарруфи сангҳои қиматбаҳои табиии носуфта (коркарднашуда) ва сертификатсия нашуда маҳдуд намоянд ва низоми содир кардани муомилот бо чунин сарватҳо сахттар карда шавад. Раванди мазкур барои нисбатан дуруст бандубаст кардани кирдорҳои ҷиноятӣ бо м. 284 КҶ ҶТ мусоидат хоҳад кард.

Ба масоили мубрам вобаста ба бандубасти ҷиноят ҳангоми тайёрӣ, суиқасд ва шарики дар ҷинояти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои таббиӣ диққати зарурӣ дода шуда, мавқеи муаллиф дар асоси афкори муқтадири олимони соҳа асоснок карда шудааст. Ӯ комилан дуруст меафзояд, ки бинобар ба категорияи ҷиноятҳои вазнин марбут набудани қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ барои тайёрӣ ва суиқасд барои содир кардани он тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд нест.

Тафовутҳои дақиқу муайяни бандубасти кирдори ҷиноятии дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишуда, айни замон танҳо бо чунин як нишонаи бандубасти он, монанди содир кардани кирдори зикршуда дар ҳаҷми калон алоқаманд мебошад (қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ).

Бо мақсади пурра намудани холигии назаррасе, ки бо мавҷуд набудани меъёри ҳадди ақали муқарраршудаи қонунии арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ҳамчун объекти ҷиноят мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ, ки имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани

шахсро диҳад, ба андешаи муаллиф, бояд то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар бошад, ки дар асл ин амали ҷиноятӣ мебошад ва ҳамчун меъёри фарққунандаи ин ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хизмат хоҳад кард.

Ба андешаи муаллиф, агар ҷинояткор қасди содир намудани ҷиноят ба маблағи зиёда аз 64 ҳазор сомониро дошта бошад, ҳангоме ки вай суиқасдашро қисм-қисм, яъне ҳар дафъа бо содир кардани, масалан, муомилоти ғайриқонунӣ дар ҳаҷми хеле камтар аз ҳаҷми мавриди назари суиқасд иҷро кардааст, кирдорҳои ӯ бояд мувофиқи банди «б» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад. Агарчи дар мисоли оварда шуда, боназардошти ҳолатҳои новобаста аз иродаи гунаҳгор, суиқасди ҷиноятӣ то ба охир ба анҷом расонида бошад, аммо суиқасди муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҳаҷми калон баръало равшан мебошад – қ. 3 м. 32 ва қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки содир кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз тарафи гурӯҳи муташаккил, нисбат ба «содир кардани кирдори ҷиноятӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноктар мебошад. Дар асоси ин муқаррарот кирдори ҷиноятӣ, ки дар моддаи 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бо назардошти ворид намудани онҳо ба банди «в» қисми 2 моддаи 284 КҶ ҶТ амалан баробар медонад, асос медиҳад, ки онро «беасос ва ба принсипи адолат ҷавобгӯ набуда» ҳисобем.

Шабоҳат ва тафовутҳои моддаҳои 284 ва 285 хеле фаррох таҳлил гардида, муаллиф ҷонибдори он аст, ки ҳарду таркиб дар доираи як модда мустақар карда шаванд. Масъалаи фарқ кардани муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз дуздиву қаллобӣ бо чунин предметҳо ва қочоқи онҳо комилан дуруст тавсиф ёфтаанд.

**Дар хулоса ва тавсияҳо** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошанд, дар шакли пешниҳоду тавияҳо дар ҳар як бобу зербоб инъикос ёфтаанд:

1. Ба ҳайси мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» «сарватҳо» баромад карда метавонад ва қонунгузор мафҳуми ин арзишҳоро пурра муайян намудааст Дар муносибат бо худи мафҳумҳои «металҳои қиматбаҳо» ва «сангҳои қиматбаҳои табиӣ» бошад, қонунгузорӣ таърифи онҳоро бо усули тартиб додани рӯйхати мукаммали намудҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ татбиқ кардааст **[6–М].**

2. Бо назардошти қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳлили бархӯрди усулии (доктриналии) олимон ва мутахассисон дар тафсири мафҳуми «металҳо ва сангҳои қиматбаҳо», таърифи пурраи дақиқ гардонидашудаи зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: «Металҳо ва сангҳои қиматбаҳо сарватҳое мебошанд, ки «арзиши баланди бозорӣ доранд» **[7–М].**

3. Бинобар характери холигӣ доштани диспозитсияи м. 284 КҶ ҶТ барои пурра фаҳмидани мазмуни мафҳумҳое, ки предмети ҷиноятро ташкил медиҳанд, ба қонунгузории махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа рӯй оварданро тақозо мекунад. Пеш аз ҳама ба Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» **[9–М].**

4. Мазмуни объекти бевоситаи м. 284 КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) эътироф карда шаванд, ки моҳияти онҳо қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ мебошанд, ки тартиб ва шартҳои муомилот (шартнома, қарордод) алоқаманд бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ё марворидро муайян мекунад, инчунин «тартиби нигоҳдорӣ, интиқол ва кашондани онҳоро» муқаррар мекунанд. Пурра намудан (бартараф кардани) камбудиҳо ва норасоиҳо, ба ақидаи мо, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба моддаи 284 КҶ ҶТ дар соҳаи «таҳқиқ ва ҷустуҷӯи геологии конҳои» металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, истихроҷ, истеҳсол ва истифодаи онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад **[4–М]. [10–М].**

5. Нишонаи ҳатмии тарафи объективии таркиби кирдори ҷиноятии пешбинишуда, бо тавсифи кирдори ҷиноятии ба таври алтернативӣ содиршаванда ҷой дода шудааст. Мафҳуми умумие, ки ин кирдорро фаро мегирад, мафҳуми «муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» мебошад, ки дар сарлавҳаи моддаи мазкур (талаботи меъёрӣ) нишон дода шудааст. Бояд моддаи 284 КҶ ҶТ чунин номида шавад: «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ». Ва ин ном мазмуни моддаҳои айни замон амалкунандаи 284 ва 285 КҶ ҶТ пурра фаро мегирад **[4–М].**

6. Бинобар бо пуррагӣ мавҷуд набудани ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии сарватҳо ва як қисми ин раванд ифода ёфтан дар м. 284 КҶ ҶТ ва вайрон намудани қисми дигари ин раванд дар м. 285 КҶ ҶТ бояд бо қатъ гардидани эътибори м. 285 КҶ ҶТ бартараф карда шавад ва тамоми аломатҳои таркиби ин ҷиноят бояд дар доираи м. 284 КҶ ҶТ бо пуррагӣ фаро гирифта шавад.

7. Дар м. 284 КҶ ҶТ айни замон ангеза ва мақсад ҳамчун нишонаҳои ҳатмии тарафи субъективӣ ифода наёфтаанд, бинобар ин онҳо бояд танҳо нишонаҳои факултативӣ ҳисобида шаванд, ки имконоти нисбатан дақиқтар баҳо додани субъекти ҷиноятро фароҳам меоваранд, бо вуҷуди ин ҷудо накардани ангеза ва мақсад, ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад **[4–М].**

8. Синнусолии субъекти кирдори ҷиноятӣ, ки дар м. 284 КҶ пешбинӣ шудааст, мутобиқи м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар он ҳолат, ки шахс синнаш ба шонздаҳсолагӣ расида бошад **[2–М].**

9. Дар баробари шахсоне, ки дорои «нишонаҳои субъекти умумии» кирдори ҷиноятӣ мебошанд, инчунин шахсоне ҷиноят содир карда метавонанд, ки ба ғайр аз нишонаҳои субъекти умумӣ, вобаста ба фаъолияти касбиашон дорои нишонаҳои иловагӣ мебошанд. Дар ин ҷо сухан ҳам дар бораи «кормандон ё намояндагони ташкилотҳои тиҷоратӣ» ва ҳам «ходимони муассисаҳои давлатӣ» меравад, яъне шахсоне, ки «бо истифода аз мақоми хизматӣ» қобилияти содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинишударо доранд **[2–М]. [11–М].**

10. Ба назари мо бандубасти кирдори ҷиноятӣ ҳамчун «мутобиқати комили муқарраршуда ва аз ҷиҳати қонунӣ вобаста кардашудаи байни нишонаҳои кирдори содиршуда ва унсурҳои таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки аз тарафи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст» фаҳмида шавад. Кирдорҳое, ки аз ҷониби шахс ҳангоми тайёрӣ ба ҷинояти баррасишаванда содир карда мешаванд, бояд пеш аз содир намудани ҷиноят қарор дошта, ягон аз нишонаҳои ҳатмии тарафи объективии таркиби ҷиноятӣ зикргардидаро надиҳад **[5–М].**

11. Ҷазои ҷиноятӣ барои тайёрӣ ва суиқасд ба ҷиноят танҳо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин пешбинӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз, тибқи талаботи Қисми умумии КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ танҳо он шахсоне кашида мешаванд, ки тайёриро бо қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ содир намудаанд. Дар қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ, тайёрӣ ба кирдори ҷиноятӣ ҷазо дода намешавад, зеро «он ба категорияи вазнин ё махсусан вазнин» дохил намешавад **[5–М].**

12. Дар мавриди мафҳуми «суиқасд ба кирдори ҷиноятӣ» бояд гуфт, ки он дар Қисми умумии КҶ ҶТ муайян карда шудааст. Дар ҳолати бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии амали гунаҳгор дар чунин шакли «суиқасд ба кирдори ҷиноятӣ», ки дар м. 284 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд ба назар гирифта шавад, ки дар муқоиса бо омодагӣ ба

кирдори ҷиноятӣ, суиқасд ба содир намудани чунин як кирдори ҷиноятӣ оғози иҷрои бевоситаи кирдори ҷиноятӣ – «қисман иҷро кардани нишонаҳои тарафи объективии кирдори ҷиноятӣ мебошад» **[5–М].**

13. Таркиби кирдори ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мо мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аз рӯйи сохтораш расмӣ муайян карда шудааст. Агар муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ аз рӯйи иродаи худи ӯ (ҳангоми дарки он, ки ин кирдори ҷиноятиро ба охир расонида метавонад) ба анҷом расонида нашавад, пас ин кирдори ӯ, дар ин маврид, бояд ҳамчун амали ихтиёран даст кашидан аз кирдори ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад. Ин кӯшиш метавонад нобарор (номуваффақ) бошад, яъне он метавонад ҳамчун «суиқасди номуваффақ бо иштибоҳи шахс дар объекти кирдори ҷиноятӣ эътироф карда шавад» **[5–М].**

14. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, мутобиқи қайдҳои м. 284 ва 285 КҶ ҶТ дар ҳаҷми калон содиршуда эътироф карда мешавад. Ба назари мо чунин мерасад, ки муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ ба маблағи зиёда аз 64 ҳазор сомонӣ, яъне дар ҳаҷми калон ифодашуда, бояд суиқасди ҷинояткорро низ фаро гирад. Дар акси ҳол, агар шахси гунаҳкор иқрор нашавад, ки ин кирдорро маҳз дар ҳаҷми калон содир кардааст, пас ин амал ҳамчун муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бидуни нишонаҳои вазнинкунанда – мутобиқи қ. 1 м. 284 КҶ ҶТ муқаррар карда мешавад. Ба ақидаи мо, баръакс, дар ҳолатҳое, ки агар ҷинояткор қасди содир намудани ҷиноятро ба маблағи беш аз 64 ҳазор сомонӣ дошта бошад, аммо вай нияташро қисман иҷро кардааст, яъне ҳар дафъа (маротиба), масалан, муомилоти ғайриқонунӣ дар ҳаҷми камтар, кирдорҳои вай бояд мувофиқи банди «б» қ. 2, м. 284 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Агар дар мисоли овардашуда, суиқасди ҷиноят, бо вазъиятҳои новобаста аз иродаи худи ҷинояткор ба анҷом нарасидааст, аммо суиқасд ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар ҳаҷми калон баръало равшан мебошад – қ. 3 м. 32 ва қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад **[5–М].**

## ТАВСИЯҲО

Дар заминаи таҳқиқоти илми чунин тавсияҳои илмӣ барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт манфиатпазир мебошанд.

1. Дар ном ва диспозитсияи моддаи 284 КҶ ҶТ «марворид» ба ҳайси предмети ҷиноят зикр ёфтааст, аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» мафҳуми «марворид» инъикос нашудааст. Ҳамчунин, дар канданиҳои фоиданоки ҶТ марворид вуҷуд надорад. Аз ин рӯ таклиф карда мешавад, ки калимаи «марворид» аз ном ва диспозитсия м.284 бардошта шавад.

2. Пешниҳод мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноят на фақат барои бастани аҳдҳо бо металҳои қиматбаҳо ё сангҳои қиматбаҳо, балки барои ғайриқонунӣ истихроҷ намудани сангҳои нимқиматбаҳо, ва ашъёи хоми дори металҳои қиматбаҳо муқаррар карда шавад **[7–М].**

3. Бо ворид намудан тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, марбут ба муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар доираи м. 284 КҶ ҶТ, м. 285 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад **[4–М].**

а). Номи м. 284 КҶ ҶТ бастани аҳди ғайриқонунии бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид мебошад. Бинобар ин, номи м. 284 ба «Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ» иваз карда шавад.

4. Дар б. «а» қ. 2 м. 284 КҶ ҶТ таклиф карда мешавад, ки калимаи «такроран», ба калимаи «якчандкарата» иваз карда шавад.

5. Бо мақсади ҳар чӣ пурратар анҷом додани фардикунонидани ҷазо беҳтар мебуд, агар ба санксияи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ доираи васеи ҷазоҳои алтернативӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, ба монандӣ корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ ворид карда мешуданд. Зеро санксияи қ.1 м. 284 КҶ ҶТ воқеан танҳо як ҷазои алтернативиро дар намуди ҷарима пешбинӣ месозад ва агар шахс имконияти пардохт намудани онро надошта бошад, пас суд маҷбур мешавад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд, ки ин «ба инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна», ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ омадааст мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ низ «таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда» (б. 26)–ро тақозо менамояд **[6–М].**

6. Пешниҳод мешавад, ки дар м. 284 КҶ ҶТ чунин ҳолатҳои вазнинкунанда дохил карда шаванд: содир шудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гуруҳи муташаккил. Зеро

дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил содир мешаванд, бештар буда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ҷудо намудани онҳо ба мақсади фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад **[5–М].**

Ҳамин тавр, таҳлил ва омӯзиши ҷинояти бастани аҳди ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро ҷамъбаст карда, пешниҳод менамоем, ки дар ном ва диспозитсия м. 284 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад:

**Моддаи 284. Муомилоти ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ**

1) Додугирифти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ бо вайрон кардани қоидаҳои ҳатман ба давлат фурӯхтан ё супоридан, таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард ва истифодаи онҳо бар хилофи қоидаҳои муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, интиқол додан, кашондан ё ба соҳибияти каси дигар додани ин сарватҳо дар ҳар намуди ҳолат, бо истиснои маснуоти заргарӣ (ҷавоҳирот) ва маишӣ ва пораҳои чунин маснуот,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар

а) якчандкарата;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Ҳамин кирдор, агар

а) ба миқдори махсусан калон;

б) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз вазифаи хизматӣ содир шуда бошад,

– бо … ҷазо дода мешавад».

**Эзоҳ:**

1. Зери мафҳуми «сарватҳо» дар диспозитсияи моддаи мазкур – ин металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо фаҳмида мешавад.

2. Зери мафҳуми «таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии ин конҳо» дар диспозитсия моддаи мазкур – шахсоне, ки барои вайронкардани тартиботи муқарраршудаи таҳқиқу ҷустуҷӯи геологии конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, истифода ва муомилоти онҳо айбдоранд ва маблағе, ки аз муомилоти

ғайриқонуни ба даст оварда мешавад, тибқи қонунгузории ҶТ ба қисми даромади буҷети давлат ворид карда мешавад.

Инчунин, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои конҳои металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки ба нобудшавии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо оварда расонидаанд, фаҳмида мешавад.

3. Зери мафҳуми «ба миқдори махсусан калон» кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда ҳамон вақт ба миқдори махсусан калон содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар арзиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, ки мавриди муомилоти ғайриқонунӣ қарор гирифтаанд, аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Дастури таълимӣ:

**[1–М].** Одиназода, Н.С., Зоир, Ҷ.М. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва пешгирии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ [Матн]: дастури амалӣ-методӣ / Н.С. Одиназода, Ҷ.М. Зоир. – Душанбе, 2022. – 58 с. ISBN 978-99985-76-13-1.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[2–М].** Одиназода, Н.С. Субъект преступления в незаконном обороте драгоценных металлов, природных драгоценных камней или жемчуга (Напримере уголовного законодатеьства Республики Таджикистан и Российской Федерации) [Текст] / Н.С. Одиназода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2016. – №4 (28). – С. 134–139. ISSN 2412-141X.

**[3–М].** Одиназода, Н.С. Тарафи субективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.С. Одиназода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №3 (47). – С. 97–103. ISSN 2412-141X.

**[4–М].** Одиназода, Н.С. Тарафи обективи муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ [Матн] / Н.С. Одиназода// Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №1 (37). – С. 144–147. ISSN 2305-0535.

**[5–М].** Одиназода, Н.С. Муайян намудани мушкилоти бандубасти муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ [Матн] / Н.С. Одиназода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – №1 (49). – С. 96–107 –. ISSN 2412-141X..

**[6–М].** Одиназода, Н.С., Зоир, Ҷ.М. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муомилоти қонунии металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.С. Одиназода, Ҷ.М. Зоир // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С. 124–133. ISSN 2305-0535.

**[7–М].** Одиназода, Н.С., Зоир, Ҷ.М. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар самти гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.С.Одиназода, Ҷ.М. Зоир // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №2 (42). – С 152–155. ISSN 2305-0535.

**[8–М].** Одиназода, Н.С. Субъективная сторона незаконного оборота драгоценных металлов и природных драгоценных камней (по законодательству РФ и РТ) [Текст] / Н.С.Одиназода // Вестник МосУ МВД России. – 2015. – №10. – С. 130–135. ISSN 2073-0454.

**[9–М].** Одиназода, Н.С. Уголовное законадательство Российской Федерации и Республики Таджикистан о неправомерном обороте драгоценных металлов и камней: Сравнително-правовой аспект [Текст] / Н.С. Одиназода // Вестник МосУ МВД России. – 2015. – №11. – С.124–125. ISSN 2073-0454.

**[10–М].** Одиназода, Н.С. Объективные признаки состава преступления, предусмотренного ст.191 УК РФ и ст.284 УК РТ: Сравнително-правовой анализ [Текст] / Н.С.Одиназода // Вестник МосУ МВД России. – 2015. – №12. – С. 190–191. ISSN 2073-0454.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[11–М].** Одиназода, Н.С. Субъективные признаки состава преступления, предусмотренного ст.191 УК РФ и ст.284 УК РТ: Сравнително-правовой анализ [Текст] / Н.С. Одиназода // Вестник Академии Экономической безопасноти МВД России. – Москва, 2015. – №7. – С.110–112. ISSN 2414-3995.

**[12–М].** Одиназода, Н.С. Тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ [Матн] / Н.С. Одиназода // Материалы XII Итоговой Международной научно-практической конференции «Пути повышения уровня правосознания и правовой грамотности в современном гражданском обществе» / Общество Науки и Творчества (Россия, Казань, 25 августа 2022). – Казань, 2022.

**АКАДЕМИЯ МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

На правах рукописи

УДК: 343.27 (575.3)
ББК: 67.99 (2)7 (2 Т)
О- 42

**ОДИНАЗОДА НОСИР САДИР**

# УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ОХРАНА ОБОРОТА ДРАГОЦЕННЫХ МЕТАЛЛОВ И ПРИРОДНЫХ ДРАГОЦЕННЫХ КАМНЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук
по специальности 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (юридические науки)

**ДУШАНБЕ – 2022**

**Диссертация выполнена на кафедре уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Зоир Джурахон Маджидзода** – доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана |
| **Официальные оппоненты**: | **Сафарзода Анвар Ислом** – доктор юридических наук, профессор, заместитель начальника управления образования, культуры и информации Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан |
| | **Зокирзода Зафар Хайрулло** – кандидат юридических наук, доцент кафедры права и методики его преподавания Педагогического института Таджикистана в Раштском районе |
| **Ведущее учреждение**: | Государственное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики» (г. Худжанд) |

Защита диссертации состоится «10» декабря 2022 года, в $10^{00}$ часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 5 этаж, зал Диссертационного совета юридического факультета).

